**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи «Хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқи дар шароити водиҳои Ҳисору Рашт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст**

Селексия ва тухмипарварӣ омилҳои асосии рушди минбаъдаи соҳаи боғдорӣ ба шумор меравaнд. Яке аз роҳҳои баланд бардоштани ҳосинокӣ, ин ба вуҷуд овардани нави серҳосилу ба талаботи бозор ҷавобгӯ ва мукамалгардонии технологияи бунди боғҳо бо тарзи замонавӣ мебошад. Инчунин, солҳои охир талабот ба меваҳое, ки дорои хусусияти шифоӣ ва ғизои бой мебошанд, зиёд мешавад.

Аз ин ҷост, ки рисолаи илмии мазкур маҳз ба дарёфти роҳҳои ҳалли масъалҳои зерин дар шароити водиҳои Ҳисору Рашт бахшида шудааст.

Натиҷаҳои ба даст оварда ва навгониҳои онҳо дар он аст ки, коллексияи навҳои хурмои шаркӣ аз нав барқарор карда шудааст. Хусусиятҳои агробиологию хоҷагӣ, ба сармо тобоварӣ, сифати мева, нигоҳдорӣ, интиқол додан ва хушконидан дар минтақаҳои водии Ҳисору Рашт дар баландиҳои аз сатҳи бахр аз 350 то 1300 м, бори нахуст омӯзиши 15 навъу намунаҳои хурмо гузаронида шудаанд.

Се навъи дорои хусусиятҳои хоси хоҷагию-биологӣ дошта, аз он ҷумла як навъ барои истеҳсоли хушкмева ба Комиссияи давлатии озмоишии навъҳои зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъи Вазорати кишоварзӣ супорида шуд.

Аҳамияти таҳқиқотҳои илмии унвонҷу Раҳматов С. Ҳ. дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ ба истеҳсолот пешниход намудани навъҳои ояндадори дорои баланд, меваҳои хушсифат, қобилияти баланди нигоҳдорӣ, интиқолдиҳи ва ба хушконидан мувофиқ, дар оянда барои боғҳои хурмо пешниҳод кардан мумкин аст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 мақолаи илмӣ дар маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявии илмиву назариявии АИКТ ва 1 мақолаи илмӣ дар конференсияи байналмиллалӣ ба чоп расидаанд, ки мазмуну мундариҷа ва мухтавои асосии таҳқиқоти мазкурро дар бар мегиранд.

Автореферати Раҳматов Суламон Ҳасанович дар асоси талаботҳои “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия”, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст, ҷавобгу мебошад.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

Доктори илмҳои кишоварзӣ,
аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва тухмипарварии
растаниҳои кишоварзӣ, дотсент,
директори Маркази биотехнологии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Х.И. Бобоҷонова

Суроға: 734049, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Маяковский 22, х.30.
Тел: (+992) 907-56- 67-77. E-mail: bobojankh_7@bk.ru

Имзои Х.И.Бобоҷонова-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Э.Ш. Шодихонзода

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдаки 17.
Тел: (+992 37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj

18.02.2026